1177 - Намози шахсе, ки мӯйҳои зери нофи худро натарошидааст

савол

Оё намози шахсе, ки мӯйҳои зери нофи худро беш аз як моҳ натарошидааст, қабул мешавад?

Ҷавоби муфассал

Тарошидани мӯйҳои зери ноф, яъне мӯйҳои рӯйида дар атрофи узви таносул (андоми пеш), яке аз суннатҳои фитрат ба шумор меравад. Бинобар ин, мувофиқи ҳадиси саҳеҳ, набояд тарошидани ин мӯйҳоро беш аз чил рӯз ба таъхир андохт.
Бо вуҷуди ин, аз чил рӯз зиёд ба таъхир гузоштани тарошидани ин мӯйҳо ба дурустии намоз ҳеҷ таъсире надорад. Баракс, чунин ақида, ки бо гузаштани ин муҳлат намоз дуруст намешавад, аз нодонӣ нисбат ба аҳкоми шариати пок сарчашма мегирад.